Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 016-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E- mail: rektortau31@mail/ru, www. tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Хушвахт Пирумкулович дар мавзуи “Такмили истифодаи қарзи хурд дар рушди кишоварзии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Новобаста аз он, ки самаранокии маблағгузории хурд ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии молиякунонии соҳаи кишоварзӣ дар як муддати кӯтоҳ боло рафта, ҳавасмандкунии ташкилотҳои молиявии хурдро таъмин намуд, вале муаллиф қайд намудааст, ки ҳанӯз заминаи методологӣ ва назариявии он ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

Сафарбаркунии пасандозҳо ва механизми тадбилдиҳии онҳо ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузориҳо самаранок истифода намешавад. Сатҳи нокифояи воситаҳои ниҳодҳои молиявии амалкунанда (бонкҳо, ТХҚ, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра) боиси пешниҳоди номгӯйи маҳдуди хизматрасонии молиявӣ, хусусан хизматрасонии кутоҳмуҳлат гардида, ба талаботҳои бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсоли онҳо мувофиқат намекунад.

Дар чунин шароит ба илми иқтисод ва амалияи хоҷагидорӣ масъалаи дарёфт ва такмили механизмҳои самарабахши истифодаи қарзи хурд дар соҳаи кишоварзӣ, фароҳам овардани заминаи рушди босубот ва таҳкими он масъалаи мубрам боқӣ мемонад, ки мавзуи интихобшудаи таҳқиқот ба он бахшида шудааст.

Муаллиф моҳияти иқтисодии мафҳуми қарзи хурдро дар асоси омузиши асарҳои олимони классик ва муосир аз нуқтаи назари худ шарҳ додааст, ки ба назари мо мувофиқ аст. Қайд намудааст, ки усулҳои ҳисобнамоии меъёрҳои фоизи қарзҳо шакли ягона надоранд ва ба Бонки миллии Тоҷикистон зарурати ба шакли ягона даровардани он таъкид карда шудааст.

Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккули қарзҳои хурдро мавриди таҳқиқот қарор дода, доир ба истифодаи таҷрибаи Индонезия доир ба ташкили «барномаи суғуртаи тарафайн», Боливия доир ба таъсиси бонк, аз ҳисоби маблағҳои дар пасандозҳо, Эфиопия доир ба додани қарзҳои хурд ба хоҷагиҳои деҳот ва тиҷорати хурд дар шаҳрҳо, Покистон - ташкили Хазинаи рушд, аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ, Ҳиндустон - ташкили Маркази фарогирии молиявӣ аз ҳисоби давлат, Маҷористон - татбиқи барномаҳои маблағгузории

хурд аз ҷониби Фонди дастгирии соҳибкорӣ, Беларус - таъсиси Фонди дастгирии молиявии соҳибкорон, Қазоқистон-Барномаи рушди соҳибкории хурди занон ва камбизоатон, Қирғизистон - татбиқи барномаҳои маблағгузории хурд ба аҳолӣ барои истифода дар Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

Хусусан, пешниҳоди муаллиф доир ба ташкили кооперативҳои истеъмолии қарзии деҳот бо ҷалби пасандозҳои аҳолии деҳа, даромад аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ ва дар ин поя ташкили сардхона барои нигоҳдории ангур исбот гардида, ташкили чунин кооперативҳоро бо истифода аз мутамарказ кардани захираҳо ва имкониятҳои сокинони деҳот барои ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии соҳаи кишоварзӣ қобили қабул аст.

Вале, новобаста ба паҳлуҳои мусбӣ, агар муаллиф механизми ҷалби пасандозҳо, маблағҳо аз муҳоҷирати меҳнатиро шарҳ медод, сифати диссертатсия боз баланд мегардид.

Вале, бояд изҳор намуд, ки ин норасоӣ, арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонад.

Диссертатсияи Шарипов Хушвахт Пирумкулович дар мавзуи "Такмили истифодаи карзи хурд дар рушди кишоварзии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)", дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

н.и.и.(аз рӯи ихтисосӣ 08.00.05-"Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлок) - дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Абдураҳимов А.А.

Имзои н.и.и., дотсент Абдураҳимов А.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1.
Нишонаи почтаи электронӣ abdugafar58@mail.ru. Тел: 92-771-57-35

20 ноябри соли 2023.